«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э. С.
_______________________
«_01_»_____02_______2026 с.

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**оид ба диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №135-05 аз 13.04.2021с. ба ҳайси унвонҷуи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, кори илмӣ-таҳқиқотии худро оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 «хуб» ва аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Факеров Ҳамидуллохон Нуриддинович мебошад.

Рисолаи илмии Абдуҷабборзода Д.А. дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 30 июни соли 2026 бо суратмаҷлиси №11 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар шароити таҳаввулоти амиқи иқтисоди ҷаҳонӣ ва зиёдшавии таъсири омилҳои беруна ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, рӯ овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели инноватсионии рушд ҳамчун самти стратегии рушди устувор ва рақобатпазир баҳодиҳӣ мешавад. Зарурати татбиқи равиши рушди инноватсионӣ дар шароити Тоҷикистон аз тарафи ниҳодҳои давлатӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ эътироф ва дастгирӣ ёфтааст. Барои густариши равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод пешниҳод карда шуд, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Дар шароити муосир рушди иқтисоди миллӣ бидуни ворид намудани навовариҳо ва истифодаи механизмҳои инноватсионӣ ғайримумкин аст. Бо дарназардошти он ки соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз заминаҳои асосии рушди инфрасохтор ва гузтариши иқтидори саноатии кишвар аст, зарурати навсозии технологӣ ва татбиқи таҷрибаҳои пешрафтаи истеҳсолӣ дар ин соҳа зиёдтар эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи механизми муассири инноватсионӣ барои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, бахусус дар сатҳи минтақавӣ, аҳаммияти калидӣ касб мекунад.

Инноватсия дар соҳаи истеҳсолоти масолеҳи сохтмон на танҳо маънои ворид кардани таҷҳизоти нав ё технологияҳои муосирро дорад, он ҳамчунин низоми ҳамоҳангшудаи идоракунӣ, сармоягузорӣ, омодасозии кадрҳои соҳибкасб ва истифодаи самараноки захираҳои маҳаллиро дар бар мегирад. Ҷорӣ кардани механизми рушди инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба таҳкими устувории низоми истеҳсоли минтақа замина гузошта, барои кам кардани

харочоти энергетикӣ ва ашёи хом, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва таъмин кардани мутобиқати фаъолияти истеҳсолӣ ба меъёрҳои экологӣ шароити мусоид фароҳам месозад. Таҳқиқи масоили муосири механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла дар вилояти Хатлон, баҳодиҳии камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо мавзуи таҳқиқотро мубрам мегардонанд.

### 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ ҳиссагузор хоҳанд гардид.

### 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ инъикос ёфтаанд, мувофиқ мебошад.

### 4. Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот

Мақсади таҳқиқот таҳияи асосҳои илмию назарӣ ва методии ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа, бо дарназардошти шароити иқтисодии вилояти Хатлон, истифодаи оқилонаи ашёи маҳаллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар иборат аст.

Барои расидан ба ин мақсад анҷоми корҳои зерин ҳамчун вазифаҳо муайян шудаанд:

- таҳқиқ ва ҷамъбасти асосҳои назарию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, инчунин муайян намудани омилҳо ва шароитҳое, ки ба рушди соҳа дар раванди саноатикунонии босуръат таъсир мерасонанд;
- арзёбии вазъи кунунӣ ва иқтидори рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, технологӣ ва захиравии соҳа дар вилояти Хатлон;
- муайян намудани нақш ва имкониятҳои истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ дар баланд бардоштани самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва устувории рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа;
- таҳия ва асоснок намудани механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ки ба шароити иқтисодии вилояти Хатлон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва таъмини рушди устувори соҳа замина фароҳам меорад.

## 5. Навгонии илмии таҳқиқот

Натиҷаҳои зерини таҳқиқот навгонии илмии диссертатсия ва саҳми шахсии муаллифро дар ҳалли масъалаи илмии мавриди таҳқиқ ифода менамоянд:

1. Асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт такмил дода шуда, низоми омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, захиравӣ ва институтсионалии таъсиррасон ба рушди соҳа муайян ва гурӯҳбандӣ гардидааст. Дар ин замина муносибати мукаммал оид ба арзёбии рушди инноватсионии истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ пешниҳод шудааст, ки имкон медиҳад сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои рушди соҳа дақиқтар муайян карда шаванд.

2. Дар асоси таҳлили маҷмуии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, технологӣ ва захиравӣ вазъи кунунӣ ва иқтидори рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, тамоюлҳои асосии рушди соҳа, маҳдудиятҳои мавҷуда ва захираҳои истифоданашуда ошкор карда шудаанд. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки рушди истеҳсолот бо дарназардошти талаботи бозор ва ҳадафҳои саноатикунонии кишвар муайян карда шудаанд.

3. Нақш ва аҳамияти иқтисодии истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ дар рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидааст. Муайян карда шудааст, ки истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ ба коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва таъмин намудани рушди устувори саноати минтақавӣ мусоидат менамояд.

4. Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои вилояти Хатлон таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст, ки маҷмӯи воситаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, сармоягузорӣ ва технологиро дар бар мегирад. Татбиқи механизми пешниҳодшуда барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, рушди фаъолияти инноватсионӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**6. Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.06.2026 №234/дс ва аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2026 с мавҷуд ҳаст.

**7. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022., №8. – С.249-255.

[2-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024., № 3(53) – С.267-279.

[3-М] Абдуджабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Факторы, влияющие на развитие промышленности строительных материалов в Республике Таджикистан / Фаррухи Р., Олимова Д.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2025. №3. – С.38-42.

[4-М] Абдуҷабборзода Д.А. Принсипҳо ва асосҳои ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ / Валиев Н.Ш., Абдуҷабборзода Д.А. // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (Маҷаллаи илмӣ). - 2026. №1(9) – С.52-72.

[5-М] Абдуҷабборзода Д.А. Ҷойгиркунии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ дар низоми иқтисоди миллӣ / Фақеров Ҳ.Н., Абдуҷабборзода Д.А. // Маҷаллаи илмӣ: Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2026. №1. – С.40-47.

[6-М] Абдуҷабборзода Д.А. Таҳлили истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ ва вазъи бозори минтақа / Фақеров Ҳ.Н., Абдуҷабборзода Д.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2026. № 1(61) – С.414-426.

[7-М] Абдуҷабборзода Д.А. Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат // Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2026. № 2 – С.368-379.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[8-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Аҳамияти идоракунии зиддибуҳронӣ дар таъмини самараноки фаъолияти корхона // Маводи мизи гирди

умумидонишгоҳии илмию назариявдар мавзӯи «Масоили мубрами менеҷмент дар шароити муосир». – Душанбе, 2019. – С.19-21.

[9-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Нақш ва аҳамияти корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ дар иқтисодиёт / Фаррухӣ Р., Олимова Д.А. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт». – Душанбе, 2022. – С.196-201.

[10-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Самтҳои фаъолияти инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодӣ дар шароити муосир». – Душанбе, 2025. – С. 233-241.

[11-М] Абдуҷабборзода Д.А. (Олимова Д.А.) Иқтидори инноватсионӣ: моҳият ва системаи нишондиҳандаҳои он дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ / Валиев Н.Ш., Абдуҷабборзода Д.А. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Таъмини рушди устувори иқтисодӣ: ҷанбаҳои рақобатпазирии истеҳсолот». – Душанбе, 2026. - С. 203-217.

Пас аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин,

**қарор қабул карда шуд:**

Кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ пас аз муҳокимаи диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ; шунидани тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.; баромади муқарризон – д.и.и., профессор Низамова Т.Д. ва н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р., ҳамчунин баромади д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р. ва д.и.и., дотсент Зияева М.Д, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба

мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор

**қарор мекунад:**

Диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар маҷлис 13 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 13 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса дар маҷлиси кушоди кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2026, суратмаҷлиси № 11 қабул шудааст.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и. — Давлатова Р.Қ.

**Котиб:**
Муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и. — Маҷидов Ф.Б.

*«Имзои Р.Қ. Давлатова ва Ф.Б. Маҷидовро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ

«01» 07 соли 2026 — Шодихонзода Э.Ш.